# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6DKOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа**

Дар раванди кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо тағйироти тезутези иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва технологӣ тавсиф меёбад, масъалаи ташаккули ахлоқи ҷавонон ба яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ табдил ёфтааст. Ҷавонон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа, ки ояндаи кишварро муайян месозанд, дар раванди таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ ба таъсири омилҳои гуногун – аз ҷумла васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳити оилавӣ ва мактабӣ – рӯ ба рӯ мешаванд.

Бо назардошти таъсири ин омилҳо, падидаи тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ дар байни ҷавонон мушоҳида мегардад, ки метавонад ба раванди ташаккули шахсият ва иҷтимоиши солими онҳо таъсири манфӣ расонад. Дар чунин вазъ, омӯзиши амиқи ахлоқи ҷавонон ва таҳлили мушкилоти марбут ба он на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ низ дорад.

Дар кори диссертатсионии Аминов Б.У. ин андеша инъикоси худро бараъло пайдо кардааст. Таҳлили андешаҳои ахлоқии Абдуллои Шабровӣ аз нигоҳи илмӣ ва назариявӣ хеле зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Муҳиммияти кори таҳқиқотии мазкур низ дар он ифода меёбад, ки таълимоти ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ ба рушди фалсафаи ахлоқии қисми зиёди ҳавзаҳои илмӣ-адабии мамлакатҳои шарқӣ таъсири амиқ гузоштааст. Абдуллоҳи Шабровӣ бештар ба масъалаи амалии таълимоти ахлоқ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, ки дар ташаккули ақидаҳои мутафаккирону донишмандони замонаш ва баъд аз он ба ғоят муассир аст. Бинобар ин, барои рафъи мушкилоти масъалаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик, ки дар ҳоли тағйирот аст, хело зарур мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллифи рисола ба хулосае омадааст, ки хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ, дар

фарқият аз дигар мутафаккирони асрҳои миёна дар он аст, ки ӯ талош кардааст, ки бештар дар тарбияи инсони комил таваҷҷуҳ дошта бошад. Абдуллоҳи Шабровӣ дар масъалаи таълимоти ахлоқ роҳи фарққунандаеро паймудааст, ки маҳсули он дар осораш инъикос гардидааст. Назарияи мукаммали гуманистӣ-ахлоқии худро дар «Унвону-л-баён» ба таври муфассал баён кардааст. Абдуллоҳи Шабровӣ то ҳадде кӯшиш кардааст, ки воситаҳои наҷоти инсониятро аз ғафлату ҷаҳолат бо роҳи тарбия ва бо дарёфтани маърифати комили инсонӣ пайдо намояд. Аз ин рӯ иқдоми диссертант дар ин ҷода қобили қабул ва дастгирӣ буда, мавзую муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант Аминов Б.У. муҳтавои кори диссертатсиониро инъикос менамоянд, зеро ки дар онҳо масъалаҳои омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқ дар “Унвону-л-баён”-и ӯ мавриди таҳлилул баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи Аминов Б.У. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, мустақилона навишта шудааст ва ба мавзуи мубрами рӯз, яъне баррасии низоми таълиму тарбия тааллуқ дорад. Диссертатсия талаботҳоеро, ки нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия тааллуқ доранд дар бар мегирад ва диссертант мавқеи дурусти таҳқиқотӣ ва методологиро интихоб намуда, мафҳумҳои меҳварии ду мутафакирро дар доираи низоми муайян банду баст намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ бо истифода аз номгӯйи муайяни адабиёти илмӣ ва маъхазҳо пешниҳод шудааст. Мавқеи пешниҳодкардаи диссертант дар матни кори диссертатсионӣ илман асоснок карда шудааст. Кори диссертатсионӣ баёнгари он аст, ки муаллифи он дорои қобилияти илмӣ буда, муваффақ шудааст, ки моҳияти илмӣ ва фалсафии мавзуъро баён созад. Болотар аз ин ба мақсади дар амал татбиқ намудани

натиҷаҳои рисола пешниҳодҳои мушаххасро пешкаш намудааст.

Коммисияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқаррароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 барои ҳимоя карданд қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Умедов Мастон Ҳамдамович – доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Ҳасанова Зебинисо Абдулатифовна – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР ҚАРД:

1. Диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Умедов Мастон Ҳамдамович – доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Ҳасанова Зебинисо Абдулатифовна – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Маҳмадҷонова М.Т.

доктори илмҳои фалсафа Нурулҳақ Қ.

“19” 04 соли 2025